*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 016 назди*
*Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур*
*(734003, ш. Душанбе, х. Рудаки, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru)*

**Т а к р и з**

**ба автореферати диссертатсияи Расулова Давлвтмо Буриевна., дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

Ҳадафи сиёсати аграрии Тоҷикистон баланд бардоштани суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии он, таъмини рақобатпазирӣ ва ҷолибияти ҳаёт дар деҳот мебошад. Мутобиқсозии гӯсфандпарварӣ ба муносибатҳои бозорӣ дар шароити душвори иқтисодӣ сурат гирифт ва дар натиҷа истеҳсоли маҳсулот аз сабаби ақибмонии ҷабҳаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва техникӣ фоидаи дилхоҳ намеовард. Дар солҳои охир содироти маҳсулоти гӯсфандпарварӣ пурра аз байн рафт. Истеҳсол ва коркарди пашм зараровар шуд. Дар кишвар талаботи аҳолӣ ба маҳсулотҳои саноатии аз пашм истеҳсолшаванда танҳо аз ҳисоби воридоти он таъмин карда мешавад. Корхонаҳои коркарди пашм пурра аз фаъолият бозмондаанд. Дар давраи то истиқлолият пашми гӯсфанд аз ҷумҳурӣ ба Туркманистон барои коркарди саноатӣ фиристода мешуд.

Афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии маҳсулоти гӯсфандпарварӣ дар айни замон бо кам шудани дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, номутаносибии нархи маҳсулот, вайрон шудани робитаҳои иқтисодӣ бо корхонаҳои коркард ва дигар ҷанбаҳои манфӣ алоқаманд аст.

Диссертатсия, вобаста аз муносибатҳои методологӣ, ба таҷрибаи таърихии тараққиёт ва ислоҳоти истеҳсолоти кишоварзӣ такя намуда, роҳҳои такмили ташкилию иқтисодии ба даст овардани худтаъминкунӣ бо маводи ғизоии соҳаи гӯсфандпарварии Тоҷикистонро нишон медиҳад. Таҳқиқоти илмӣ дар асоси методи таҳлили системавӣ ва муқоисавӣ иҷро гардидааст. Дар раванди таҳқиқот методҳои системавӣ, дедуктивӣ, индуктивӣ, анализ ва синтез, таҳлили оморӣ, муқоисавӣ истифода бурда шудаанд. Асоси кори илмиро принсипҳои роҳбарии мақсаднок дар иқтисодиёт ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани онҳо бо методҳои пешгӯикунии иқтисодӣ ва барномасозӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот дар он аст, ки дар он асосҳои консептуалии ташкили самараноки истеҳсоли маҳсулоти

гӯсфандпарварӣ дар заминаи меъёрҳо ва шохисҳои калидии арзёбии рушди гӯсфандпарварӣ дода шудаанд. Тавсияи амалии муаллифро оид ба минтақабандии гӯсфанпарварӣ, самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа, усулҳои ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои ба парвариши гӯсфандон машғулбуда, тарзи корбурди технологияи ҳозиразамон дар хоҷагиҳои гӯсфандпарвари ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки дар қатори дастовардҳои илмӣ дар кори диссертатсионӣ камбудиҳо низ ҷой доранд. Масалан, ба назар мерасад, ки дар мавриди омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои ҷаҳон унвонҷӯ натавонистааст таҷрибаи самаранок ё усули инноватсионии ин ва ё он давлатро мушаххас барои хоҷагиҳои гӯсфандпарвари ҷумҳурӣ тавсия диҳад. Вале эроди мазкур наметавонад қиммати таҳқиқотро паст намояд, зеро шояд он дар диссертатсия ҷой дошта бошад.

Дар маҷмӯъ, бо назардошти хулоса аз автореферат, ба фикри инҷониб, диссертатсияи Расулова Д.Б. дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Иқтисодиёт (08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи ҷавобгӯи муқаррароти илмию методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи иқтисод ва идораи КАС, ДМТ Тағоев Ҷ.Ҳ.

**Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«21» 06 с.2022